**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзӯи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ самти афзалиятноки такмили хадамоти ҳисобдорӣ мебошад, чунки назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити ҳамгироии соҳаҳо ба технологияҳои рақамӣ тағйир меёбад. Имрӯзҳо маълумот бартарии асосии рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ гардидааст. Аз ин рӯ, истифодаи имкониятҳои иқтисодиёти рақамӣ барои сари вақт ҷамъоварӣ, гуруҳбандӣ ва таҳлилу хулосабарории иттилооти ҳаёти молиявию иқтисодӣ муҳим дониста мешавад. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, таҳқиқи рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мубрам мебошад.

Аз шиносоӣ бо дастгоҳи илмии таҳқиқот маълум гардид, ки алоқамандии мантиқӣ байни мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи диссертатсия ҷой дорад. Дар ин самт муҳаққиқ тавонистааст барои расидан ба ҳадафи муайяншуда вазифагузории амиқ намояд. Объекти таҳқиқот амалияи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ интихоб гардидааст, ки унсури асосии он

назария, методика ва амалияи пешбурди баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун предмети таҳқиқот муайян шудааст. Фарзияи таҳқиқот асоси воқеӣ дошта, натиҷаҳои илмии ба даст овардаи муаллиф дараҷаи баланди эътимоднокии онро тасдиқ менамоянд.

Муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявию равишҳои методиро оид ба ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ асоснок намуда, ҷиҳати рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар заминаи истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ тавсияҳои амалӣ таҳия кардааст.

Аз таҳқиқоти анҷомдодашуда натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия гардидаанд, ки онҳо сатҳи баланди эътимоднокӣ дошта, дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ҷиҳати рушди низоми баҳисобгирии идоракунии субъектҳои иқтисодӣ мусоидаткунанда мебошанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ки баъзеи онҳо қайд шуданд, автореферати тақризшаванда дорои норасоиҳои зерин мебошад:

1.Дар таҳқиқот ҳолати воқеии баҳисобгирии идоракунии корхонаи мушаххас дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт то андозае аз доираи омӯзиши муаллиф дур мондааст.

2.Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муаллиф бештар мавқеи илмии иқтисодчиёнеро мавриди омӯзиш қарор медод, ки онҳо масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракуниро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ фарогир мебуданд.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии автореферат ва диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва автореферат нуқтаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Автореферат ба ҳамаи талаботи санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, чунин меҳисобем, ки муаллифи таҳқиқот Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва омори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Қудратов Р.Р.
(Раҳматзода Рустам)

Имзои Қудратов Р.Р.
(Раҳматзода Рустам) -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.
26.12.2024

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Суроға:** 734067, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14 **Тел:** (+992) 555 022 000
**Почта:** r.qudratov@tgfeu.tj